# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ПОЯНДА БОД!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ** * * * * **№13 (28) 5-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2015, ДУШАНБЕ**



**Миллат бе забон амсоли парандаест, ки аз болу пар маҳрум гардида, парвози баландро ба куллӣ фаромӯш кардааст.**

**Кулли ганҷинаи адабу фарҳанги мо тавассути забон ҷовидон мондааст ва ба воситаи забон дар арсаи ҷаҳон эътирофу шинохта шудааст.**

**Бо талошу заҳмати шахсиятҳои бузурги илму адаб забони тоҷикӣ дар сайри таърихии хеш давра ба давра ташаккул ва таҳаввул пайдо карда, куҳантарин ва асилтарин унсурҳои таърихӣ ва миллии худро аз қаъри асрҳо то кунун ҳифз намуда, имрӯз чун ганҷинаи гаронбаҳо ба мо ёдгор мондааст.**

**Мо бояд забони давлатиамонро мисли оинаи поку пурҷило нигоҳ дорем ва онро аз ҳар гуна олоишу омехтагиҳои нозаруру ғайриматлуб ҳифз намоем.**

**Ифтихор аз ватану ватандорӣ, таърихи фарҳанг, ифтихор аз миллат ва ҳувияти миллӣ аввалтар аз ҳама вобаста ба мақому эътибори забони давлатӣ ва дар поку бегазанд нигоҳ доштани он мебошад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

## ПЕШНИҲОД ОИД БА ТАКМИЛИ ЛОИҲАИ КОДЕКСИ МЕҲНАТ

Дар моддаи якуми лоиҳаи Кодекси меҳнат мафҳумҳои асосӣ муқаррар гардидаанд, ки мазмуни ин санади меъёрӣ-ҳуқуқиро бешубҳа мукаммал менамоянд, вале дар муқаррароти моддаи мазкур мафҳуми муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар нагаштааст...

САҲИФАИ 3

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ДАСТГИРИИ БЕШТАР НИЁЗ ДОРАД

Мо тоҷикон, воқеан забони хубу хуш дорем ва дар баъзе ҳолатҳо бо истифода аз вожаҳои даркору нодаркори бегона онро мушкилу мураккаб мекунем. Аз вожаҳое истифода мекунем, ки худамон мазмуну моҳияти онро намедонем. Забони мо бой аст ва метавонад мақсаду маромии моро ба таври густурда ифода кунад...

САҲИФАИ 4

## МУОИНАИ ПЕШАКИИ ТИББӢ - ЯКЕ АЗ ШАРТҲОИ АҚДИ НИКОҲ

Бигзор доштани маълумотномаи тиббӣ дар бораи аз муоинаи тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон низ ҳамчун яке аз шартҳои ақди никоҳ дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Агар ин дархост дастгирӣ ёбад, барои солимии миллати тоҷик бисёр хуб хоҳад буд...

САҲИФАИ 7

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
**Ҷаҳонгир Саъдизода**

jahon_1967@mail.ru

**Тарроҳ:**
**Ҳамидулло АЗИЗОВ**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Насурдинов Э. С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафаров Б.А.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Қурбоналиев Н.Ш.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Камолов И. И.** дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
**Сулаймонов Ф. С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Давлатов Ҷ. М.** директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ;
**Саид Нуриддин Саид** вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
**Имомзода М. С.** ректори ДМТ, профессор, академики АИ ҶТ;
**Тоҳиров Ф. Т.** профессор, академики АИ ҶТ,
**Маҳмудзода М. А.** раиси Суди Конститутсионии ҶТ, профессор, академики АИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.** директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
**Диноршоев М.** профессор, академики АИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-51- 03- 02. Теъдод: 1000

# ҲНИТ - СОЗМОНИ ТЕРРОРИСТӢ

Санаи 29-уми сентябри соли ҷорӣ, Суди Олии ҶТ аризаи Прокурори генералиро дар бораи ташкилоти экстремистӣ - террористӣ эътироф намудани ҲНИТ, қатъ намудани фаъолияти ҳизб ва барҳам додани он, қатъ кардани нашри рӯзномаи "Наҷот", бастани Вебсайти интернетии хизби номбурда ва манъ намудани воридот, паҳн намудани аудио ва видеосабтҳо, рӯзномаю адабиёт ва варақаҳои ҳизбро баррасӣ карда, онро қонеъ намуд.




Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва аъзоёни он солҳои охир ҷиноятҳои хусусияти террористидошта содир намуда, тариқи шабакаҳои интернетӣ миёни мардум иғвоангезиро роҳандозӣ карданд, ки ҳамаи ин ҳаёти осудаи ҷамъиятиро халалдор сохта, ба асосҳои конститутсионӣ ва соҳибихтиёрии кишвар таҳдид намудаанд.

Дар 5 соли охир 45 узви ҲНИТ ҷиноятҳои вазнин, ба вежа 17 нафари онҳо ҷинояти хусусияти ифротгароидоштаро содир кардаанд. Раисони шуъбаҳои ҲНИТ дар манотиқи гуногуни кишвар чандин ҷиноятҳои террористиву хусусиятҳои ифротгароидоштаро содир намудаанд.

Бо мақсади бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудан ва нигоҳ доштани ҳокимият, ҳамчунин бо зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ дар ҶТ Муҳиддин Кабирӣ ва дигар аъзоёни раёсати олии ҲНИТ бо собиқ муовини вазири мудофиа Назарзода Абдуҳалим Мирзо аз ҳисоби собиқ размандагони Иттиҳоди неруҳои мухолифин ва дигарон зиёда аз 20 гурӯҳҳои ҷиноятӣ иборат аз 15-30 нафариро дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ созмон дода, барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ онҳоро тибқи нақшаи тарҳрезишуда, ки аз утоқҳои кории муовинони Раиси ҲНИТ Ҳисайнов Умаралӣ ва Хайитов Маҳмадалӣ ёфта гирифта шудаанд, вазифадор (муваззаф) кардаанд, ки ба объектҳои махсусан муҳими давлатӣ ҳуҷуми мусаллаҳона намуда, фаъолияти онҳоро зери итоати худ қарор диҳанд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикргардида Суди Олӣ аризаи Прокурори генералии ҶТ-ро қонеъ намуда, ҲНИТ-ро ҳамчун ташкилоти ифротгарой (экстремистӣ) - террористӣ эътироф намуда, фаъолияти ҳизбро қатъ ва ҳамчун шахси ҳуқуқӣ барҳам дода, нашри рӯзномаи "Наҷот" ва сомонаи интернетии ҲНИТ, ба ҳудуди қаламрави ҶТ ворид намудан ва паҳни аудио ва видеосабтҳо, истеҳсол, чопу нашри рӯзномаю адабиёт ва варақаҳои ҳизб манъ карда шуд.

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон 4-уми декабри соли 1991 ташкил шудааст. Солҳои 1992-1997 ҲНИТ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амал намуда, баъди бастани Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ фаъолияти ҳизб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шуда, 28 сентябри соли 1999 ва 15 октябри соли 2003 он ҳамчун ҳизби сиёсӣ, аз нав ба қайд гирифта шудааст.
faraj.tj



# ТАШРИФИ ОЛИМИ ВАРЗИДАИ РУС, ПРОФЕССОР С. А. АВАКЯН БА ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ

Санаи 15-уми сентябри соли 2015 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ вохӯрии олими варзидаи рус, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва мунитсипалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи В.М. Ломоносов Авакян Сурен Адибекович бо доираи васеи устодон, аспирантон ва муҳаққиқони ҷавони факултети ҳуқуқшиносӣ доир гардид.

Дар ифтитоҳи вохӯрӣ мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, дотсент А.М. Диноршоев оид ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва омӯзгории профессор С.А. Авакян иттилоъ дод. Аз ҷумла таъкид намуд, ки профессор С.А. Авакян аз ҷумлаи он олимони варзидаи рус аст, ки на танҳо дар миқёси Федератсияи Россия, балки берун аз он дар сатҳи байналмиллалӣ обруву нуфуз ва шуҳрату эътибори хоссаеро соҳиб аст. Таҳти назари ӯ чанд тан аз олимони тоҷик рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд. Бо қаноатмандӣ ва изҳори хушнудӣ қайд намуданд, ки рӯзи 08.10.2015 дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи В.М. Ломоносов рисолаи доктории худро зери роҳбарии профессор С.А. Авакян ҳимоя хоҳанд кард.

Зимни мулоқот профессор Авакян С. А. доир ба вазъи кунунӣ ва дурнамои проблемаҳои илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ дар маҷмӯъ бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ маърӯза карда, мазмуну моҳияти онҳоро шарҳу тавзеҳ дод. Ҳамзамон андешаву назари хешро дар иртибот ба низоми таълимии дузинагӣ (бакалавр, магистр) баён сохта, афзуданд, ки ҳамеша омодаанд бо марказҳои бонуфузи илмӣ-таълимии Тоҷикистон, хосатан факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамкориҳои муфид ва мутақобилан судманди дуҷонибаро ба роҳ монанд. Дар робита ба ин масъала оид ба азму талош ва кӯшишҳои як зумра олимони ҷавони факултети ҳуқуқшиносӣ (Диноршоев А.М., Гадоев Б.С., Сафаров Д.С., Салоҳиддинова С. ва ғ.) дар мавриди ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи В.М. Ломоносов изҳори хушӣ намуд. Омодагии худро минбаъд низ дар самти дастгирӣ намудани олимони тоҷик баён сохт.

Ҳамчун рамзи қадршиносӣ дар интиҳои вохурӣ аз ҷониби намояндагони садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ба олими шинохта С.А. Авакян либоси миллии тоҷикӣ - маҳсули меҳнати хунармандони чирадаст ва дигар ашёҳое, ки фарҳанги миллии тоҷиконро таҷассум мекунанд, ҳамчун тӯҳфа тақдим карда шуд.

## ХУШХАБАР

Садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муждаи нек медиҳад, ки рӯзи 19-уми сентябри соли 2015 дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғафуров Абдухалил Давлаталиевич дар Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Қирғизистон рисолаи доктории ашро сарбаландона ҳимоя кард.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омӯзгори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат А.Д. Ғафуровро самимона табрик намуда, ба эшон саломатии бардавом, рӯзгори обод ва дар фаъолияти минбаъдаи омӯзгориву корҳои илмӣ - тадқиқотияш комёбиҳои беназирро ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз хоҳонанд.

Ҳамчунин рӯзҳои 9, 12 ва 16-уми октябри соли ҷорӣ ҳимояи рисолаи доктории устодони факултет - дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Б.А. Сафаров, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ И.И. Камолов, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ У.А. Азизов дар назар аст. Ба эшон барои сарбаландона ҳимоя намудани рисолаашон ва тарбия намудани олимони ҷавон бурдбориҳо орзу менамоем.

# БАРНОМАИ РУШДИ ФАКУЛТЕТ БА ДАСТИ ЧОП РАСИД

Хонандаи закӣ огоҳ аст, ки Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар Шӯрои олимони ДМТ қабул шуда буд. Бо ташаббуси садорати факултет ва раёсати донишгоҳ Барномаи мазкур ба дасти чоп расид. То чоп шудани Барнома чандин маротиба устодон ва садорати факултетҳои дигари донишгоҳ барои дастрас намудани лоиҳаи Барнома муроҷиат намуда буданд. Инак, Барномаро дар шакли китобча ва такмилёфта метавонед аз факултети ҳуқуқшиносӣ дастрас намоед.

Қайд намудан зарур аст, ки Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносӣ барои солҳои 2015-2020 дар таҷрибаи донишгоҳҳои кишвар бесобиқа буда, метавонад дар самти такмили илми ҳуқуқи тоҷик ва омода намудани мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат гомҳои устуворе гузорад.

*Масъули саҳифа: Шарипов Исмоил*

# ПЕШНИҲОД ОИД БА ТАКМИЛИ ЛОИҲАИ КОДЕКСИ МЕҲНАТ



**Бозоров Раҷабалӣ Бойназарович**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии ҶТ бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти ҶТ барои баррасӣ лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ, пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи Кодекси мазкур 6 фасл, 41 боб ва 366 моддаро дарбар мегирад. Аз нав кор карда баромадани лоиҳаи Кодекси меҳнат аз Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ маншаъ гирифта, муносибатҳои муҳими меҳнатиро ба танзим медарорад. Пайдоиши муносибатҳои нави меҳнатӣ, ки дар Кодекси меҳнатии амалкунанда ҷой надорад ба андешаи мо аз лиҳози меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд ба танзим даровarda шаванд. Аз ин рӯ, тайёр ва пешниҳод намудани лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ тақозо менамояд, ки муносибатҳои нави меҳнатӣ бояд аз ҷониби ин санади кодификатсионӣ ба танзим даровarda шавад.

Дар лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ чунин муносибатҳои нави меҳнатӣ: тайёрии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомузӣ; бакортаъминкунӣ; хусусияти танзими ҳуқуқии меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон, ба монанди кормандони хонагӣ ва хонакорон муқаррар гардидаанд, ки нисбати зарурияти танзими ҳуқуқии онҳо дар адабиёти илмии ватанӣ ва рӯзномаю маҷаллахо андешаҳои мухталиф баён гардидааст (ниг. Бозоров Р. Б. Қонунгузории меҳнатии ҶТ: тарғиб ва ташвиқи он. Ҳаёт ва қонун. - Душанбе. 2014. С. 126-133). Аз ин лиҳоз лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ ба муқаррароти на факат санадҳои дохилӣ, инчунин ба муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилиалӣ дар бахши меҳнат комилан мувофиқат менамояд.

Дар баробари ин лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ, ки мавриди баррасӣ қарор дорад, ба андешаи мо ба пешниҳодҳои зерин, ки мазмуни онро ғанӣ менамоянд, ниёзманд мебошад:

Вазифаи асосии санади меъёрии ҳуқуқӣ - ин танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Аз ин лиҳоз дар моддаи якуми лоиҳа муносибатҳое, ки қонунгузории меҳнатӣ бояд танзим намояд, пешбинӣ шудааст. Мазмуни муқаррароти моддаи якуми Кодекси меҳнати амалкунанда барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд мебошанд, равона шудааст. Моддаи мазкур нишонаҳои ҳатмии доираи амали қонунгузории меҳнатиро дар худ ҷой намудааст, ки конструксияи Кодекси меҳнати ҶТ-ро инъикос менамояд. Ин амалия дар дигар кодексхои амалкунандаи ҶТ низ риоя гардидааст (ниг. КГҶТ (қисми якум). Доираи танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар моддаи 9 лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ омадааст, самтҳои асосии доираи муносибатҳои меҳнатиро ба тасвиб расонидааст, ки ба андешаи мо нопурра мебошад. Дар моддаи ишорагаштаи лоиҳаи Кодекси меҳнат омадааст: "Кодекси мазкур муносибатҳои зеринро танзим менамояд: меҳнатӣ; ба муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд; шарикии иҷтимоӣ; бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат.

Дар предмети танзими ҳуқуқи меҳнат муносибатҳои меҳнатӣ нақши назаррас доранд. Онҳо дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба вуҷуд омада, муносибатҳои меҳнатии ҷонибҳои шартномаи меҳнатиро ба танзим медароранд. Муносибатҳои меҳнатӣ ҷавҳари танзими ҳуқуқии предмети ҳуқуқи меҳнат ба шумор рафта, ҷонибҳои онро вазифадор менамояд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои худро дар доираи муқаррароти шартномаи меҳнатӣ, ки байни тарафҳои он баста шудааст, риоя намоянд. Аз ин лиҳоз диспозитсияи банди якуми моддаи 9 лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ дар чунин шакл: "Кодекси меҳнат муносибатҳои меҳнатии ашхоси воқеиро, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар ташкилот, муассиса, корхона новобасти аз шакли моликияташон ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд", ифода гардад, мувофиқи мақсад мебуд. Чунин муқаррарот муносибатҳои меҳнатиро аз дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки бо меҳнат вобастаанд, фарқ менамуд. Дар баробари ин шарикии иҷтимоӣ, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, ки дар моддаи 9 лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ омадааст, бояд аз лоиҳа хориҷ карда шавад, чунки муносибатҳои мазкур ба гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд ҳастанд, вобаста мебошад.

Дар моддаи якуми лоиҳаи Кодекси меҳнат мафҳумҳои асосӣ муқаррар гардидаанд, ки мазмуни ин санади меъёриҳуқуқиро бешубҳа мукаммал менамоянд, вале дар муқаррароти моддаи мазкур мафҳуми муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар нагаштааст. Аз ин рӯ, мафҳуми муносибатҳои меҳнатиро дар шакли зерин истифода намудан зарур аст: "муносибатҳои меҳнатӣ ин муносибатҳои ҷамъиятии дар асоси шартномаи меҳнатӣ бавуҷудомада ва тавассути меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ танзимшудаеро меноманд, ки аз рӯи он корманди кироя вазифадор мешавад, ки шахсан функсияи меҳнатиро бо риоя ва итоат ба коидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ иҷро намояд, корфармо вазифадор мешавад, ки корманди кирояро бо кор таъмин намуда, шароитҳои солим ва бехатарии меҳнатро, ки қонунгузории меҳнатӣ дар бахши меҳнат, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, шартномаи меҳнатӣ муқаррар намудаанд фароҳам оварад, музди меҳнати корманди кирояро мувофиқи дараҷа, тахассус, мураккабии кор, микдор ва сифати меҳнат на камтар аз ҳадди ақали муқарраргашта пардохт намояд".

Кодекси меҳнати ҶТ вобаста ба аҳамият ва доираи амали худ дар байни дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар бахши меҳнат мавқеи марказӣ дорад. Аз ин лиҳоз Кодекси меҳнат хамчун санади кодификатсионӣ муносибатҳои меҳнатӣ ва ба он алоқамандро бояд ба танзим дарорад ва ба дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар бахши меҳнат хамчун вазифаи раҳнаморо бояд иҷро намояд. Боби панҷуми лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ, ки "Тартиботи меҳнатӣ. Интизоми меҳнат" ном дорад, ба масъалаҳои интизоми меҳнат ва тартиби татбиқи он, ҳавасмандгардонӣ ва ба дигар масъалаҳо, ки ба боби мазкур дахл дорад, танзим намудааст. Қайд намудан лозим аст, ки масъалаи ҳавасмандгардонӣ дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ хеле муҳим буда, кормандро барои боз хам ба дараҷаи баланд иҷро намудани вазифаҳои меҳнатиаш ҳидоят менамояд. Моддаи 61 лоиҳаи Кодекси меҳнат, ки "Ҳавасмандгардонӣ барои меҳнат" ном дорад, диспозитсияи он чунин аст:

1. Корфармо ҳуқуқ дорад намудҳои гуногуни ҳавасмандгардониро барои дастовардҳои меҳнатӣ татбиқ намояд.

2. Намудҳои ҳавасмандгардонии кормандон ва тартиби татбиқи онҳоро қонунгузории ҶТ, санадҳои корфармо, шартномаҳои меҳнатӣ ва коллективӣ муайян менамояд.

Диспозитсияи моддаи мазкур меъёри ҳаволакунандаро истифода намуда, корфарморо салоҳиятдор намудааст, ки нисбати кормандони пешқадам, ки бенуқсон вазифаҳои меҳнатии худро иҷро менамоянд, чораҳои гуногуни қадршиносиро истифода барад. Тартиби татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ҳуқуқ ва ваколати корфармо мебошад, ки бешубҳа дуруст аст. Дар баробари қонунгузории ҶТ дар бахши меҳнат, Кодекси меҳнат низ намудҳои алоҳидаи ҳавасмандгардониро ба андешаи мо бояд муқаррар намояд. Ин бевосита аз нуфузи Кодекси меҳнати ҶТ бармеояд, ки он ҳамчун санади кодификатсионӣ муносибатҳои меҳнатӣ ва ба он алоқамандро зери танзими худ қарор додааст. Аз ин лиҳоз намудҳои алоҳидаи ҳавасмандгардонии кормандонро дар лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ муқаррар кардан мувофиқи мақсад мебошад.

Моддаи 62 лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ, намудхои ҷазои интизомиро муқаррар намудааст. Сархати чоруми банди якуми моддаи мазкур, қатъ намудани шартномаи меҳнатиро бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур муқаррар намудааст. Бо чунин асос ҳамчун қоида шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо бекор мегардад. Лекин корфармо ҳаққи бекор намудани шартномаи меҳнатиро он вақт пайдо менамояд, агар корманд дар ҷараёни кор интизоми меҳнатро вайрон намояд, талаботи қоидаҳои тартиботи дохилиро риоя нанамояд. Дар чунин ҳолат сухан дар бобати вайрон намудани интизоми меҳнатӣ аз тарафи корманд рафта ва корфармо ҳаққи бекор намудани шартномаи меҳнатиро дорад. Вале амали шартномаи меҳнатӣ бидуни вайрон намудани интизоми меҳнат аз ҷониби корманд дар корхона сурат гирад, дар холати мазкур сухан нисбати ҷазои интизомӣ набояд равад. Мисоли равшани чунин асосхо дар моддаи 42 лоиҳаи Кодекси меҳнат муқаррар гардидаанд, ки номгӯи онҳо чунин аст:

- барҳам хӯрдани ташкилот, ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо- шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди корӣи (штати) кормандон;

- ошкор гардидани номувофиқии корманд ба вазифаи ишғолкардааш ё кори иҷро мекардагиаш дар натиҷаи нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатиаш, ки барои давом додани ҳамин кор халал мерасонад, агар ин номувофиқатии корманд дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад;

- ҳозир нашудан ба кор дар давоми бештар аз чор моҳи бефосила дар натиҷаи корношоямии муваққатӣ, бе ҳисоб кардани рухсатии давраи ҳомила ва таваллуд, агар қонунгузорӣ муҳлати аз ин зиёдтари нигоҳ доштани ҷои корро (вазифаро) ҳангоми беморӣ муайян муқаррар накарда бошад. Ба кормандоне, ки ба сабаби латхӯрии меҳнатӣ ё бемории касбӣ қобилияти меҳнатиашонро гум кардаанд, то барқарор шудани қобилияти меҳнатӣ ё муқаррар гардидани маъюбӣ ҷои кор (вазифа) нигоҳ дошта мешавад.

- қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо шахси дар чанд ҷой коркунанда бинобар қабули шахсе, ки кор намекунад, инчунин вобаста ба маҳдуд гардонидани кор дар чанд ҷой, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст;

- қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо роҳбари ташкилот бинобар иваз шудани соҳибмулк;

Дар ҳолатҳои мазкур хамчун қоида интизоми меҳнат аз тарафи корманд вайрон нагардидааст ва бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бо дигар фактҳои юридикӣ дар робита мебошанд. Аз ин рӯ, муқаррароти сархати чоруми банди якуми моддаи 62 лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ, ки қатъ намудани шартномаи меҳнатиро бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ба танзим медарорад, ниёз ба такмил дорад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки дар лоиҳаи Кодекси меҳнати ҶТ ҷой гирифтааст ин институти "Вақти истироҳат" мебошад, ки дар боби 7 муқаррар гардидааст. Муқаррароте, ки нисбат ба ин институт марбут мебошанд, аз ҷониби муаллифон ба субот расонида шудааст, ҳаматарафа ба инобат гирифта шудааст, гарчанде он аз норасоиҳо орӣ намебошад. Сухан нисбати банди дуюм ва сеюми моддаи 111 лоиҳаи Кодекси меҳнат меравад, ки "Ба қисмҳо ҷудо кардани рухсатӣ. Бозхонд аз рухсатӣ", ном дорад. Диспозитсияҳои бандҳои ишорагашта ҳамчун қоида ба муқаррароти принсипҳои қонунгузории меҳнатӣ мувофиқат менамоянд. Вале дар ин хусус як масъала ҳалли худро пайдо накардааст. Сухан аз пардохти музди меҳнати корманди аз рухсатӣ бозхондашаванда меравад. Лоиҳаи кодекси мазкур муқаррар менамояд, ки аз рухсатӣ бозхондан танҳо бо розигии корманди дар рухсатӣ буда амалӣ гашта метавонад ва рухсатии истифоданагардида дар давоми ҳамон соли корӣ дар вақти мусоид барои корманд ё ба рухсатии солиояндаи ӯ илова мегардад. Пас масъалаи маоши корманд, ки аз рухсатӣ бо хоҳиши худаш бозхонда шудааст, чи гуна бояд сурат гирад. Бояд қайд намуд, ки корманд ҳангоми ба рухсатӣ рафтан ҳама пардохтҳое, ки ба он ӯ ҳақ дошт аз ҷониби корфармо пардохт карда шуда буд. Дар ҳолати бозхондан аз рухсатӣ, агар маоши корманд пардохта шавад ин дукарата истифода бурдани фонди музди меҳнат эътироф намегардад? Дар ҳолати мазкур сухан нисбати ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибучетӣ аз ҷониби корфармо меравад, ки ба андешаи мо ин маъала ҳаматарафа бояд таҳлил гардад.

Мушкилоти дигар низ ҷой дорад. Корманди аз рухсатӣ бозхондашаванда ҳамчун қоида пас аз бозхонд аз рухсатӣ, ки тибқи фармони корфармо сурат мегирад, вазифаҳои меҳнатии худро дар оянда бояд иҷро намояд ва барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатии ӯ ҳамарӯза табели вақти корӣ бояд дода шавад, ки он асос барои пардохти музди меҳнати корманд мегардад. Аз ин лиҳоз муқаррароти банди дуюм ва сеюми моддаи 111, ки бозхонд аз рухсатиро ба танзим медарорад, ниёз ба такмил дорад.

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ДАСТГИРИИ БЕШТАР НИЁЗ ДОРАД



**Содиқи Кашрудӣ**
**дастпарвари факултети ҳуқуқшиносӣ**

**Забон ҳастии миллат аст.**
**Эмомалӣ Раҳмон**

Мо тоҷикон, воқеан забони хубу хуш дорем ва дар баъзе ҳолатҳо бо истифода аз вожаҳои даркору нодаркори бегона онро мушкилу мураккаб мекунем. Аз вожаҳое истифода мекунем, ки худамон мазмуну моҳияти онро намедонем. Забони мо бой аст ва метавонад мақсаду мароми моро ба таври густурда ифода кунад. Шояд камбудӣ аз мутахассисони соҳаи забон ва масъулину мутасаддиёни он бошад. Барои рӯи кор овардани вожаҳои аз ёд рафта ва берун аз истифода мондаи забони тоҷикӣ кам кӯшиш мекунанд. Шояд дар вуҷуди мо бегонапарастӣ сахт реша давонда бошад. Бо ду санчиш дар мағозаю дӯконҳо рӯзро кӯр мекунем. Вожаҳое, ки мо надорем ва онҳо ба мо заруранд, бояд мавриди истифода қарор диҳем ва боке нест. Ҳаёт рушд мекунад, ҳар рӯз, ҳар восита барои пешбурди зиндагӣ рӯи кор мешавад. Бояд инро ба эътибор гирем.

Кас ба андеша меравад, ки ин мардуми куҳантаърих ва дорандаи забони бою шево, забони фариштагону аҳли биҳишт,чӣ тавр номи худ ва шаҳру деҳи худро ба забонҳои бегона ифода кардааст. Ҳатто дар як ҷумлаи содда ва ё хурд аз ду ва се забон истифода мекунад. Масалан, ба сорбон (ронандаи мошин) савора чунин муроҷиат мекунад: "Дар паварот манъ кун". Дар ин ҷумлаи содда вожаҳои тоҷикӣ, русӣ ва арабӣ истифода шудааст. Чунин мисолҳо бисёранд. Дар ҳама давру замон мардуми ғолиб бо роҳи зӯрӣ ба дӯши мардуми мағлуб забону дин ва оину кеши худро таҳмил мекунад. Зӯр қоидаро муайян мекунад. Чӣ тавре, ки бародарони ӯзбек гуфтаанд: "Замона зӯрдикӣ, тамошо кӯрдикӣ". Ҳоҷат ба тарҷума нест, зеро пасванди "дикӣ" ҳамроҳ шудааст ва фаҳмост. Имрӯз мо озодем. Худованд барои мо имкон додаст, забони худ ва дигар оинҳои худро аз забону оини бегона пок созем. Мо шояд натавонем ба пуррагӣ забонро пок созем, вале пайвандҳои асосиро тоҷикӣ ном барем хуб аст, ба хусус ному насаби худро ҳам мазмунан ва ҳам шаклан тоҷикӣ кунем.

Мо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамдӯшу ҳамкор ҳастем, дур аз он зиста наметавонем. Дар ин ҷода аз меъёрҳои пазируфтаи умумибашарӣ, ҳатто аз арзишҳои миллии пеш аз даври қамар пайгирӣ мекунем. Ҳуқуқҳои сокинони кишвари худро новобаста аз ҷинсу забону миллат риоя мекунем. Ҳатто забонро ҳам бо истифода аз вожаҳои нобу нави замонавӣ устокорона сайқал медиҳем. Ба вожаҳои нави байналмилалӣ, ки ба кор мебарем, намуди тоҷикӣ медиҳем, имкон набошад дар намуди асл онро истифода мекунем. Вале дар ҳар кор риоя кардани андоза шарт аст (Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст). Ифрот ва тафрит раво нест. Бо назардошти талаботи замон забон ва фарҳанги худро рушду такомул медиҳем ва аз мардумони дигар беҳтарину хубтарин хӯю хислат ва расму оини зиндагиро, ки бароямон муфид аст, мегирем. Шайх Саъдӣ гуфтааанд:

Мо зи Қуръон мағзро бардоштем.
Устухонро бар сагон бигзоштем.

Президенти муҳтарами кишвар дар ин роҳ пешрою пешгом ва серкору сертараддуд ҳастанд. Мо бояд дар ин кор пайгиру пайрави Президенти муҳтарами худ бошем. Барои зиндаву ҷовид кардани мероси ниёгони худ камари ҷавонмардӣ бандем. Кишвару мардум ва арзишҳои миллии худро нигаҳбон бошем.

Бояд гуфт, ки пас аз истилои араб номҳо навад дар сад арабӣ шуданд. Ба монанди Усмон, Қамар ва ғайра. Бояд ба асли худ баргашт. Яъне номи мардуми тоҷик бояд Парвиз, Манучеҳр ва монанди инҳо бошад. Тариқи Қонун навиштани номи бегонаро бояд манъ кард. Дигар тоҷикона ё ба тарзи хоси бобоӣ ном гузоштан низ шарти асосӣ аст. Масалан, Хусрави Парвиз, Соми Наримон ва монанди инҳо. Ё бо истифода аз пайвандакҳои "пур", "ён", "ӣ", "зода" ва монанди инҳо бояд номро ифода намоем. Масалан, Исфандиёри Беҳрӯзиён, Усто Пириён ва ба инҳо монанд. Гузашта аз ин ном



бояд ифодагари расму оини тоҷикӣ, ҷавонмардӣ, зебоӣ ва монанди инҳо хӯю хислати неки инсонӣ ва фарогири мавҷудоти хубу хуши гетӣ бошад. Номҳо бояд шаклан ва мазмунан тоҷикона ва ба хушу зебо бошанд. Ҳар мардум бо номи худ ба гирифтани шиносномаву шинохтнома ҳақ дорад. Ҳеҷ мумкин нест, ки мо тоҷик бошему номи мо "Усмон", "Сумая" ва "Анжелика" бошад. Барои чӣ мардумони араб ё дигарҳо ба фазандони худ "Парвиз", "Хусрав", "Баҳром" ва ба ин монанд ном намегузоранд.

Чу бар тахт минбар баробар шавад.
Ҳама ном Бӯбакру Уммар шавад.

Бо ин навиштаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ мо, шахсан ман ба ягон қавму миллат ҳисси бадбинӣ надорам.

Мо дар роҳи тарбияи динии мардум роҳу воситаҳои зиёд дорем. Мақомот ва шахсони варзида дар ин соҳа кор ва фаъолият мекунанд, вале соҳа ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дорад. Авҷ кардани ришмонию тундравӣ, дар сар дебои сиёҳ кашидани баъзе бонувони мо, хосса дар пойтахти кишвар далели ин гуфтаҳост. Ба андешаи ман яке аз сабаби ба ифротгароӣ гаравидан ба мазмуну моҳияти Ислом дуруст сарфаҳм нарафтани мардум аст. Агар имрӯз хондани намоз ва адои тамоми меравaнд.

Мо бояд одами асри XXI тайёр кунем, на одами асри ҳашт. Мо бояд аз Сарвари муаззами кишвар пайравӣ кунем ва чун мардумони кишварҳои пешрафт ба ободию озодии меҳан сахим бошем.

Дар гузашта мардуми порсу тоҷик соҳибзамин, соҳибтахт, соҳибтоҷ, соҳибкишвар, соҳибпайғамбар, соҳибкитоб, соҳибфарҳанг, соҳибсухан буд. Нахуст Худоро шинохт. Ба гуфтаҳои Худо-пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек зиндагӣ мекард. Ба ободии ҷаҳон кӯшид. Вале ин мардуми худшиносу худошиносро дар назди ҷаҳониён бехудо эълон кардаву шаъну шарафашро паст задан, албатта бо ёрии фарзандони хоинаш аз рӯи ҷавонмардӣ нест. Рӯзе шудаст, ки дар гузашта кӣ будани худро ба ҷаҳониён шиносонем. Боиси хурсандист, ки китобҳои хуби таърихию фарҳангӣ бо ҳидояту дастури Сарвари кишвар нашр шудаанд.

Ба Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатӣ" (бобҳои 3 ва 5) иловаҳои зерин мувофиқи мақсад аст.

1. Номгузории одамон.

Номгузории одамон бо назардошти миллати онҳо сурат мегирад. Ба кӯдакони навзод танҳо бо номи тоҷикӣ маросимҳои динӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирад, боварӣ ҳаст, ки аксари мардум аз ин гумроҳӣ бурун мешаванд. Бо дастури Президенти муҳтарами кишвар Қуръон ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд. Боқӣ кори масъулин аст. Сабаби ба гипноз гирифтор шудани аксар мардум, яъне мунҳариф гаштани онҳо аз роҳи Ҳақ, хосса ҷавонон ба забони арабӣ ва қориёна хондани сураҳои Қуръон ва адои маросимҳои динӣ аст. На танҳо мардум, ҳатто аксари муллоҳо ба мазмуну моҳияти хондаҳои худ сарфаҳм назоднома дода мешавад. Ҳар шахс, ки номи ғайритоҷикӣ дорад, метавонад номи худро ба номи тоҷикӣ иваз кунад.

2. Забони маросимҳои динӣ

Маросимҳои динӣ ба забони тоҷикӣ анҷом дода мешавад. Намояндагони мардумони дигар метавонанд ба забонҳои худ ва ё забони ба онҳои мувофиқ маросимҳои диниро анҷом диҳанд.

Ин лоиҳа аст ва онро пурратар кардан мувофиқи мақсад аст.

Бо қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатӣ" ҳар сол 5 октябр "Рӯзи забон" ҷашн гирифта мешавад. Ин иқдоми Сарвари муҳтарами кишвар аст ва қабули Қонуни мазкур низ самари ташаббуси ишон аст. Ин иқдомҳо арҷгузорӣ ва меҳрубонӣ ба забон аст. Ва чунин бодо.

*Ҳаст ҳар гуна назарҳо ба*
*забони модарӣ.*
*Ҳар назарро ҳаст рою*
*мақсади эҳёгарӣ.*

*Он яке хоҳад забонро софу*
*хуш чун оина,*
*В-он дигар з-олудагиҳо мар*
*в-аро хоҳад барӣ.*
*Ҳар каси соҳибназар хоҳад*
*варо олимақом,*
*Омире хоҳад мақомашро аз*
*ин ҳам бартарӣ.*
*Арҷ бахшидан забонро дар*
*ҳама давру замон,*
*Ҳаст иқдоме зи иқдоми шаҳию*
*сарварӣ.*
*Ҳар назарро хидмат аст баҳри*
*камолоти забон,*
*Баски кори пурсавоб аст,*
*дар умураш чокарӣ.*
*Чеҳраи зебои хубони дариро*
*ин забон,*
*Васф кардаст бартар аз хубони*
*турку озарӣ.*
*Бо чунин лаҳну забони хуштар*
*аз савти ҳазор,*
*Метавон кард дар раҳи*
*Ҳақ даъвии пайғамбарӣ.*
*Бо забони миллати ман густарад*
*гар бок нест,*
*Рӯзи маҳшар Довари ҳақ корҳои*
*доварӣ.*
*Хонамаш Содиқ варо аз ҷон*
*забони қудсиён,*
*Бод ҷовид порсию тоҷикию*
*ҳам дарӣ.*

# ГИРОМИДОШТИ ЗАБОН!



Саидзода Искандар Туйчӣ
судяи суди н. Рӯдакӣ



Некрӯз Файзизода
донишҷӯи соли 3-юми ихтисоси
муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ)

Дар замони муосир ҳар як халқу миллат барои нигоҳ доштани расму оин, таъриху фарҳанги ғании худ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аз таъсири ҷаҳонишавӣ кӯшиш менамояд. Яке аз арзишҳои бузурги инсонӣ, ки метавонад дар ин раванд таъсири манфиро қабул намояд, забон мебошад.

Воқеан, забон бузургтарин ва арзишмандтарин арзиши миллӣ мебошад, зеро он ҳамчун яке аз рукнҳои олӣ, метавонад дар ташаккул, тараққиёт ва камолоти ҳар миллат хизмати бесобиқаеро анҷом диҳад. Маҳз забон аст, ки миллат қадами устувор ва собити худро дар шоҳроҳи худшиносӣ ва ояндагӣ мегузорад. Миллате, ки барои ҳифз ва ҳимояи забони хеш, ки муқаддастарин ва олитарин мерос аз гузаштагонаш мебошад, кӯшиш наменамояд, натанҳо ояндааш норавшан, балки ҳамчун як миллати устувору побарҷо оиндае надорад.

Тоҷик шомили он миллатҳоест, ки ҳамеша барои ҳифз ва ҳимояи забон ва расму оин, инчунин, таъриху фарҳанги гузаштаи хеш ҷидду ҷаҳд менамояд. Зеро, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, дар доираи Сарқонуни хеш забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ эътироф ва муаррифӣ намуд (моддаи 2) ва дар заминаи ин меъёр қабул гардидани Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" аз 5 октябри соли 2009 дар таҳрири нав, шаҳодати гуфтаҳои болост.

Дар мавриди ҳимоя, пуштибонӣ ва рушду гастариши забони тоҷикӣ нақш ва мавқеи шахсияти таърихӣ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургу беназир аст. Маҳз бо шарофати ин марди хирадманду дурандеш силсилаи қонунҳову қарорҳо ва дастурамалҳо оид ба забони тоҷикӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки онҳо мақому манзалати забони тоҷикиро хело боло бурдаанд. Дар яке аз суханрониҳои худ, Сарвари давлат иброз намуданд, ки: "Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ба давлату миллат дар паноҳи якдигаранд". Пуштибонӣ аз забон ва поку беолоиш нигоҳ доштани он натанҳо вазифаи миллату давлат, балки вазифаи муқаддаси ҳар як фарди хирадманд ва худогоҳи тоҷик мебошад.

Мутаассифона, имрӯз на ҳама аз ин забони соддаву равон ва ширину гуворо пуштибонӣ менамоянду барои покиза нигоҳ доштанаш таваҷҷуҳи амиқ зоҳир менамоянд. Маҳз ин беаҳмиятист, ки имрӯз аксарияти ҷавонон бо баробари сухан гуфтан аз вожаҳои гуногуни забони бегона истифода менамоянду покизагии забони тоҷикиро аз байн мебаранд. Бештар вақт ҷавондухтарон вориди чунин гуфтугӯҳо қарор мегиранд, ки басо нигаронкунанда ва таъсиррасон мебошад, зеро фарзанд аз модар забон меомӯзад ва аз ин ҷост, ки забони модарияш ном мебаранд. Дар ҳоле ки чунин аст, пас ҷавондухтарони мо, яъне модарони ояндаи тоҷик ба фарзандони худ "забони сохта" ва ё "забони нав"-и бавуҷудовардаи худро, ки аз вожаҳои гуногун (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, ӯзбекӣ ва ғ.) ба вуҷуд омадаанд, меомӯзанд? Дар ҳоли омӯхтан ва такмил додани ин забони ба истилоҳ "нав" аз эҳтимол дур нест, ки дар ояндаи начандон дур покизагии забони тоҷикӣ (гарчанде имрӯз ҳам мушоҳида мешавад) аз байн биравад. Агар инро мо раванди ҷаҳонишавӣ бигӯем ва бигӯем, ки ин шаҳодат аз он аст, ки ҷавонони мо забондон ҳастанду чандин забонро медонанд ва наметавонанд бо забони тоҷикӣ озодона ҳарф бигӯянд ва дар барҳамдиҳии чунин амалҳо оҷизӣ бикашем, пас мо хатои маҳз ва бузургеро содир менамоем, ки ҳаргиз нобахшиданист. Гарчанде имрӯз Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ ҳамчун ниҳоди назоратӣ дар ин соҳа фаъолият менамояд ва корҳои назаррасеро ба анҷом мерасонад, вале пеши чунин раванди тираро гирифта наметавонад, зеро ин аз ҳар як шаҳрванди хирадманду худогоҳу ватандӯсту ҳақгӯй ва қавииродаи тоҷик вобастагии амиқ дорад, то аввал худ, пасон дигаронро ба гуфтори хуши тоҷикӣ даъват намояд ва нагузорад, ки дар осмони софи ин забон абрҳои тира доимо қарор бигиранд.

Масъалаи дигаре, ки мебояд зикраш намуд, риоя нагардидани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ аз ҷониби шахсони мансабдор, алалхусус шахсони мансабдоре, ки бо забони қонун сару кор доранд, мебошад. Аксар вақт, ҳангоми баррасии парвандаҳо ҳолатҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки аз ҷониби ашхоси бо қонун коркунанда забони қонун, ки метавонад бо як хатои аз камаҳмиятӣ ва ё надоштани саводи кофии забонӣ содир шудааст шахсро паси панҷара кашидаву оқибати ҷазои ӯро вазнинтар гардонад. Барои ҳуқуқшиносон забони қонун восита ва тарзи ифодаи қоидаи рафтор мебошад. Вале ҳуқуқшиносе, ки забони қонунро бе такя ба маълумотҳои забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ғалат мекунад. Бинобар ин, ҳуқуқшиносон бояд бо қоидаҳои сарфу наҳви забон огоҳ бошанд. Қоидаҳои мазкур бо ҳуқуқ дар печидагӣ қарор доранд.

Мутобиқи талаботи қисми 6 моддаи 3 Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" аз 5 октябри соли 2009, "ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад". Меъёри қонун бояд тарзе ифода ёбад, ки фаҳмиши думаъногиро истисно намояд. Ин масъала махсусан дар соҳаҳое, ки чораҳои таъсиррасониро пешбинӣ мекунанд, муҳим аст. Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ муҳим аст, ки ҳар калимаву ибора, таркибу истилоҳ, ҳар ҳарфу ҳиҷо, аломатҳои китобат бояд дар мақому мартаба ва маснади хеш чунон нишаставу ҷойгузин шавад, ки аз он ҳарферо тағйир додан, дигар кардан, берун овардан ва фурӯ гузоштан ғайриимкон бошад. Масалан, дар зер ҳолатҳое оварда шудааанд, ки ҳангоми истифода нагардидани қоидаҳои имло, калима маънои луғавии худро аз даст дода, тобиши дигарро ба вуҷуд меоварад: ғала - гала; ғар - гар; ғил - гил; ғоз - гоз; ғол - гол; ғул - гул; кӯш - куш; қаср - каср; қандӣ - канди; қамчин - камчин; мӯр - мур; ухда - уҳда; ҳам - хам; ҳар - хар; ҳола - хола; ҷой - чой ва ғайра. Аз ин рӯ ҳуқуқшиносонро мебояд, дар ҳар маврид қоидаҳои имлои забони тоҷикиро риоя намоянд ва нагузоранд то аз дониши нокифояи забони тоҷикии онҳо шахси дигар зарар бинад.

Дар ин доира диққати хонандаи закиро мехоҳем ба як масъала ҷалб намоем, ки фишурдаи он дар зер аст.

Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи рӯзҳои ид" ва қонунгузории меҳнатӣ рӯзҳои ид пешбинӣ шудааст, ки онҳоро вобаста ба аҳамияташон ба идҳои боистироҳат ва беистироҳат ҷудо намудан мумкин аст. Дар моддаи 2-и қонуни мазкур номгӯи ин идҳо пешбинӣ шудааст ва дар яке аз қисматҳои ҳамин модда муқаррар гардидааст, ки 5-уми октябр чун "Рӯзи забони давлатии ҶТ" қайд карда мешавад, вале бидуни истироҳат.

Забон як рукни асосии милат мебошад, ки бе он давлату давлатдорӣ маънӣ надорад. Вақте забон нобуд шуд, пас яқин аст, ки миллат низ нобуд хоҳад шуд. Ба ақидаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "миллат ва халқ он вақт зинда мемонад, агар забон зинда бошад". Забони тоҷикӣ забонест, ки таърихи зиёда аз ҳазорсоларо дорост. Аҷнабиён ҳама дороиву сарвате, ки халқи тоҷик дошт, аз они худ намуданд, бузургони донишварашро ба қатл расониданд, ҳудуди тоҷикнишинро ба ҳудуди кишвари худ табдил додаву ёдгориҳои бузурги таърихӣ ва фарҳангиашро нобуд сохтанд, ба гуфти Бозор Собир: "Ҳарчӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод...", вале забони бузургашро, ки бо он асарҳои калонҳаҷму пур аз маънӣ навишта шудаанд ва дорои ҳикматҳои инсониву ахлоқӣ, диниву ҳуқуқӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ мебошанд, нобуд ва ё аз байн бурда натавонистанд. Барои аз байн нарафтани ин забон садҳо ватандӯстдорону ватанпарварони тоҷик ҷони худро фидо намудаанд ва мо бояд ба қадри ин неъмат, ба қадри ин ганҷинаи ҷилодор, ба қадри он ҷонбозиҳои бузургони худ бирасем. Боиси хурсандӣ ва сарфарозист, ки имрӯз забони мо дигарбора, бо қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" эҳё гардид ва дар ҳоли рушд қарор дорад. Зеро, бунёди забони тоҷикӣ, ин бунёди миллати тоҷик аст!

Бо дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва эҳсоси баланд нисбат ба забони тоҷикӣ, бо мақсади бузургдошти забони тоҷикӣ, ҳифз кардан ва муқаддас шуморидани ин забони пурғановат пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 3-и Қонуни ҶТ "Дар бораи рӯзҳои ид" тағйироте ворид гардад, ки мувофиқи он 5-уми октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатии ҶТ ба гурӯҳи идҳои боистироҳат дохил карда шавад ва тамоми мардуми тоҷик дар ин рӯзи ид шукрона аз забони қадим ва соросар пур аз ганҷи худ намуда, як рӯзи ҳаёти ширини худро бо истироҳату фароғат ва бо дарки масъулияти бузург нисбат ба забони тоҷикӣ ва инчунин бо посу муқаддас нигоҳ доштани он гузаронанд. Шояд ба ин андеша баъзеҳо розӣ набошанд, лекин ин фикри шахсии муаллифон буда, ҳар як шахс метавонад дар пиромони ин мавзӯъ фикри худро дошта бошад.



# К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ СУВЕРЕНИТЕТА

**Диноршоев А.М.**
***заведующий кафедрой конституционного права***
**Гадоев Б.С.**
***доцент кафедры***

Продолжение с №12 (27) от 04.09.2015

Поясняя соотношение законодательной и исполнительной властей, Руссо отмечает, что всякое свободное действие имеет две причины, которые сообща производят его: одна из них - моральная, другая - физическая. Первая - это воля, определяющая акт; вторая - сила, его исполняющая. "У Политического организма - те же движители; в нем также различают силу и волю: эту последнюю под названием законодательной власти, первую - под названием власти исполнительной". Исполнительная власть уполномочена сувереном приводить в исполнение законы и поддерживать политическую и гражданскую свободу. Устройство исполнительной власти, в целом, должно быть таково, чтобы "оно всегда было готово жертвовать Правительством для народа, а не народом для Правительства".

В своей идеализированной конструкции народного суве-ренитета Руссо отвергает требования каких-либо гарантий защиты прав индивидов в их взаимоотношениях с государственной властью. "Итак, - утверждает он, - поскольку суверен образуется лишь из частных лиц, у него нет и не может быть таких интересов, которые противоречили бы интересам этих лиц; следовательно, верховная власть суверена нисколько не нуждается в поручителе перед подданными, ибо невозможно, чтобы организм захотел вредить всем своим членам".

Соответствующие гарантии, согласно Руссо, нужны против подданных, чтобы обеспечить выполнение ими своих обязательств перед сувереном. Отсюда, по мысли Руссо, и проистекает необходимость принудительного момента во взаимоотношениях между государством и гражданином. "Итак, - отмечает он, - чтобы общественное соглашение не стало пустою формальностью, оно молчаливо включает в себя такое обязательство, которое одно только может дать силу другим обязательствам: если кто-либо откажется подчиниться общей воле, то он будет к этому принужден всем Организмом, а это означает не что иное, как то, что его силою принудят быть свободным".

Итак, классическая концепция суверенитета идеологами Просвещения (Руссо, Локк, Монтескье) была пересмотрена таким образом, что стала приложимой ко всей совокупности граждан, выступающих именно в основе граждан, а не подданных, и объединившихся для выражения их совместной или общей воли. Суверенитет был отождествлен с демократией либерального типа. В Декларации прав человека и гражданина источником любого суверенитета объявляется нация. Но это, казалось бы, позитивное развитие теории в действительности вело ее в тупик, поскольку нация все еще оставалась только эмпирическим феноменом - ее узрели в текущих революциях, а потому никак не связывали с исторической и культурной традицией. Нацией оказывался народ, присвоивший себе суверенитет, отнятый у суверена.

Просветительская концепция народного суверенитета не могла не вызывать критики со стороны консервативных кругов. Так, для французского философа и политического деятеля де Местра вопрос заключался не в том, принесла ли новая французская конституция свободу "народу-суверену", а в том, позволяет ли она народу в принципе быть сувереном. Де Местр критикует народный суверенитет, исходя из того, что народ "в принципе лишен возможности управлять" - в республике, как и в монархии, он неизбежно оказывается на положении управляемого. Народный суверенитет нереален, поскольку народ не обладает властной способностью.

Аналогично де Местру, Гегель также стремился снять мнимые противоречия между сувереном и нацией. Таким образом, Гегель порой перешагивал через собственные воззрения, лежавшие преимущественно в рамках классической теории. Он писал: "...в новейшее время о народном суверенитете обычно стали говорить, как о противоположном существующему в монархе суверенитете, - в таком противопоставлении представление о народном суверенитете принадлежит к разряду тех путаных мыслей, в основе которых лежит пустое представление о народе. Народ, взятый без своего монарха и необходимо и непосредственно связанного именно с ним расчленения целого, есть бесформенная масса, которая уже не есть государство и не обладает больше ни одним из определений, наличных только в сформированном внутри себя целом, не обладает суверенитетом, правительством, судами, начальством, сословиями и чем бы то ни было". Гегель в принципе считал невозможным даже обсуждение такой конструкции, когда под народным суверенитетом понимается республика. Очевидно, что такая концепция полностью опровергнута временем.

Политическая судьба Европы была такова, что идея народного суверенитета или верховной власти народа пришла на смену идее династического суверенитета, обосновывавшей право монархов на монопольное осуществление физического принуждения и законодательной власти на определенной территории. На протяжении XIX и XX веков идея народного суверенитета через революции и реформы шаг за шагом завоевывала устойчивые позиции в мире. Переход понятия "суверенитет" из разряда характеристик, закрепленных за абсолютной монархией, в систему либеральных ценностей и связь его с народом давал только теоретическую гарантию от деспотизма. Реальным результатом такого перехода было лишь ограничение власти государства определенными рамками - государство отныне не могло открыто и явно переступать через основополагающие конституционные права граждан. Вместе с тем, государство сохранило свою роль единственного "исполнителя" публичного права и верховного управителя территорией, экономикой, системой безопасности.

*(Продолжение следует).*

# Муқовимат ба савдои одамон: дар мисоли Комиссияи байниидоравӣ ва комиссияҳои ҳудудӣ

**Т.Ш. Шарипов**
**А.Қ. Назаров**
**Ш.Л. Холиқов**



Қонуни ҶТ "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон" аз 26 июли соли 2014 дар моддаҳои 15 ва 16 меъёрҳои муҳимеро дар хусуси он ки Комиссияи байниидоравӣ дар назди Ҳукумати ҶТ таъсисдодашуда ваколатҳои ҳамоҳангсозандаи миллиро дар самти муқовимат ба савдои одамон иҷро менамояд, муқаррар мекунад. Аз ин муқаррарот чунин бармеояд, ки ба ваколати комиссияи мазкур воқеан тамоми масъалаҳои ба ташкили муқовимати савдои одамон дар сатҳи миллӣ иртибот дошта, мутааллиқ мебошад. Ҳамзамон қонунгузор дар қ. 1, м. 16-и қонуни мазкур меъёреро пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи он Ҳукумати ҶТ Низомномаи Комиссияи байниидоравиро тасдиқ менамояд ва дар ин низомнома тартиби ташкил ва фаъолияти комиссияи мазкур муайян карда шудааст.

Ҳаминро бояд зикр намуд, ки ба ҳамин мазмун меъёри қаблӣ дар қ.1, м. 7-и Қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон" аз 15 июли соли 2004, ки бо қабули Қонуни мавриди таҳқиқот қарогригифта, аз эътибор соқит дониста шудааст, муқаррар гардида буд.

Аз ин сабаб, чӣ хеле ки қаблан зикр карда шуд, ҳанӯз бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 январи соли 2005, №5 аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор Комиссияи байниидоравӣ дар сатҳи Ҳукумати ҶТ таъсис дода шуда буд, ки бо қарори худ аз 2 апрели соли 2005, №123 Низомномаи комиссияро тасдиқ намудааст. Азбаски Низомнома санади меъёрӣ-ҳуқуқиест, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқии сохтор, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ҳамчунин муносибати мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд, пас бо ин асос ташкил намудан ва фаъолият кардани Комиссияи байниидоравӣ кафолатдиҳанда ва инъикоскунандаи принсипи қонуният мебошад.

Комиссияи байниидоравӣ ва Комиссияҳои ҳудудӣ фаъолияти худро дар асоси принсипҳои сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон, ки дар қ. 3, м. 4-и Қонуни ҶТ "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва кӯмак ба қурбониёни савдои одамон" пешбинӣ шудааст, ба амал мебароранд. Қонуни мазкур дар қисмҳои 2-4 м. 16 як қатор ваколатҳоро муқаррар менамояд, ки як қисми онҳо танҳо ба Комиссияи байниидоравӣ ва қисми дигари онҳо ба ҳарду комиссия - байниидоравӣ ва ҳудудӣ мутааллиқ мебошанд. Миёни ваколатҳои муқарраршуда таваҷҷуҳи асосиро бояд ба ҳуқуқи комиссия дар хусуси ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод намудани таклифҳо оид ба асосҳои сиёсати давлатӣ дар самти огоҳонидан ва пешгирӣ намудани савдои одамон, аз он ҷумла, иштирок кардан дар омода намудани шартномаҳои байналмилалии ҶТ дар самти муқовимат ба савдои одамон равона сохт. Имтиёзи аз ҳама муҳими Комиссияи байниидоравӣ ин пешниҳод намудани таклифҳо ба Ҳукумати ҶТ оид ба такмили қонунгузории кишвар дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбонии савдои одамон ба ҳисоб меравад. Илова ба ин ҳаминро низ бояд тазаккур дод, ки дар баробари ба комиссияи мазкур пешниҳод шудани ҳуқуқҳои васеъ ва масъулиятнок дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон, моддаи мазкур шаклҳои амалӣ намудани назоратро аз болои сифати фаъолияти комиссияи мазкур пешбинӣ менамояд. Аз он ҷумла, комиссия ухдадор шудааст, ки ба Ҳукумати кишвар ҳар сол дар бораи натиҷаҳо ва масъалаҳои ҳалталаби мубориза бар зидди савдои одамон дар ҶТ ва давлатҳои ҳамсарҳад ҳисобот пешниҳод намояд.

Қисми 3-и моддаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, ҳаминро бояд қайд кард, ки чӣ дар бештари шаҳру ноҳияҳо мавҷуд набудани мақоми махсуси дахлдор раванди муроҷиати қурбониёни савдои одамон ба мақомоти ҳокимияти давлатиро барои дастрас намудани кӯмак басо мураккаб месозад. Чунин вазъият ба таври объективӣ боиси хеле зиёд шудани шумораи пинҳон намудани намудҳои мазкури ҳуқуқвайронкунӣ, дағалона поймол кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони аз чунин ҷиноят ҷабрдида гашта метавонад. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини дастрасӣ ва муроҷиати фаврии қурбониёни савдои одамон, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои марбут ба савдои одамон Комиссияи байниидоравӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ комиссияҳои ҳудудиро таъсис медиҳад.

Мувофиқан бо тартиби дар қонун муқарраршуда, Комиссияи байниидоравӣ ва комиссияҳои ҳудудӣ вобаста ба ваколатҳои худ доираи васеъ ва гуногуни салоҳиятҳоро ба амал мебароранд.

Як қисми ин салоҳиятҳо бевосита ба ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ алоқаманд мебошанд. Масалан, фаъолияти ҳамоҳангсозӣ оид ба қабул, мураттабсозӣ, таҳлили ариза ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба масъа-

лаҳои савдои одамон. Дигар салоҳиятҳо ба муназзамнамоии иттилооте, ки муқовимат ба савдои одамонро ташкил медиҳад, равона шудаанд. Ба ин гуна салоҳиятҳо мансуб дониста мешаванд: ҷорӣ намудан ва амалисозии системаи "хатҳои оҷилӣ" ва телефонҳои боварӣ барои гирифтани иттилооти бештару пурра дар бораи ҳолатҳои савдои одамон ва ҳуқуқвайронкуниҳои ба он алоқаманд. Гурӯҳи сеюмро салоҳиятҳое ташкил медиҳанд, ки хусусияти маърифатӣ доранд. Аз он ҷумла фаъолияти иттилоотию маърифатӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ (масалан оид ба ҳолати савдои одамон ва хатари зуҳуроти мазкур оид ба ҷой доштани чораҳои пешгирикунанда имкониятҳои муроҷиат намудан барои кӯмак ба субъектҳои дахлдори системаи муқовимат ба савдои одамон).

Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили ҳама гуна фаъолияти Комиссияҳои байниидоравӣ ва ҳудудӣ, пеш аз ҳама бояд зарурати аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни чорабиниҳо риоя намудани низоми муқарраршудаи махфӣ будани иттилоот оид ба вазъ дар соҳаи савдои одамон ва муқовимат ба он қайд карда шавад.

Бо назардошти чунин гуфтаҳо комиссияҳои мазкур ҳуқуқ доранд, мунтазам дар ҷаласаҳои худ маводҳое, ки ҳолат, ҷараён ва тамоюли ҷиноятҳои дар соҳаи савдои одамонро инъикос менамоянд, дида бароянд. Инчунин иттилоотро оид ба ҳолат, ҷараён ва тамоюли савдои одамон дар сатҳи миллӣ (минтақавӣ) ҷамъ оварда, ҷамъбасту таҳлил карда ва пешгӯиҳои кӯтоҳмуддату дарозмудати рушди онро таҳия намоянд.

Нишондиҳандаи муҳим, нуфузи баланд ва хусусияти ҳатмигиро доро будани ҳолати ҳуқуқии Комиссияи байниидоравӣ (ҳудудӣ) оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияташон дохил мешаванд, дар қонун мустаҳкам гардидани қоидаест, ки мувофиқи он қарор, талабот, муроҷиат, дархост, пешниҳод ва тавсияҳои комиссияҳои нишондодашуда бояд аз ҷониби мақомоти ба он нигаронидашуда, баррасӣ ва иҷро гардида, аз натиҷаи он комиссияи дахлдор огоҳонида шавад.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки таҳлили меъёрҳои "Низомномаи Комиссияҳои байниидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон" аз 2 апрели соли 2005, №123 имконият медиҳад, Комиссияҳои байниидоравӣ (ҳудудӣ)-ро ниҳоди давлатӣ номем. Зеро ба таркиби он танҳо намояндагони мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин дигар ташкилотҳои ба системаи давлатии муқовимат ба савдои одамон тааллуқдошта метавонад дохил шаванд. Аз нигоҳи қонунгузор, чунин тарзи созмон ёфтан бо мақсади гузоштани тамоми масъулият маҳз ба зиммаи давлат ва мақомоти ваколатдори он ҷиҳати татбиқи қарорҳои қабулшуда ва амалӣ намудани онҳо равона шудааст.

Бо вуҷуди он, чӣ хеле ки аз муқаррароти қонун бармеояд Комиссияҳои байниидоравӣ (ҳудудӣ) вобаста аз хусусияти масъалаҳои ҳалшаванда ҳуқуқ доранд ба ҷаласаҳои худ намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатиро оид ба масъалаҳои муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон бо ҳуқуқи овози машваратӣ даъват намоянд. Ба ин нигоҳ накарда, ки иштирокчиёни иловагии ҷаласа танҳо ҳуқуқи овози машваратиро доранд, иштироки онҳо дар кори Комиссияҳои байниидоравӣ (ҳудудӣ) мумкин аст хело муҳим бошад. Зеро онҳо метавонанд барои баҳои пурра ва ҳаматарафа додан, аз он ҷумла андешаҳои мустақил баён кардан ва ё қарори ошкорою шаффоф қабул кардан, мусоидат намоянд.

# МУОИНАИ ПЕШАКИИ ТИББӢ - ЯКЕ АЗ ШАРТҲОИ АҚДИ НИКОҲ

## (ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ)

Омили асосии ба дунё овардани насли носолимро имрӯзҳо дар ҷомеаи мо ҳамчун издивоҷи хешовандони наздик ва нагузаштан аз муоинаи пешакии тиббӣ арзёбӣ мекунанд. Дуруст аст, ки никоҳи байни хешовандони наздик ва бе муоинаи пешакии тиббӣ дар аксари мавридҳо натиҷаи хуб ба бор намеорад. Аз ин рӯ, ҳангоми издивоҷ бояд никоҳшавандагон аз муоинаи тиббӣ гузаранд. Зеро никоҳ бо муоинаи тиббӣ чунин оқибатҳои нек дорад: фарзанди солим, робитаи хуби байни авлодӣ, нодида гирифтани айбу камбудиҳои оилаи ҳамдигар, якдигарфаҳмӣ, масъулият, баробарӣ дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ, тарбияи хуби фарзандон ва монанди ин. Аммо натанҳо дар натиҷаи издивоҷи хешовандони наздик фарзанди носолим ба дунё меояд, балки издивоҷи нафароне, ки ягон робитаи хешӣ надоранд ҳам, мумкин аст насли ҳам аз ҷиҳати равонӣ ва ҳам аз ҷиҳати физиологӣ ноқисро ба дунё биёрад. Аз ин рӯ, муоинаи тиббӣ натанҳо барои хешони наздик, балки барои тамоми аъзои ҷомеа, ки ба ақди никоҳ медароянд, бояд ҳатмӣ бошад.

Дар Паёми Президенти кишвар низ яке аз сабабҳои пош хӯрдани оилаҳо, бе муоинаи пешакии тиббӣ хонадор кардан ва ба эътибор нагирифтани вазъи саломатии онҳо нишон дода шудааст. Тибқи моддаи 15-и Кодекси оилаи ҶТ муоинаи тиббии шахсони никоҳшаванда, инчунин додани машварат оид ба масъалаҳои тиббиву генетикӣ ва масъалаҳои солимгардонии оила аз ҷониби муассисаҳои нигаҳдории тандурустии маҳалли истиқоматии онҳо ба таври ройгон (бепул) ва танҳо бо ризоияти шахсони никоҳшаванда анҷом дода мешавад. Вале ҷавонон аз ин ҳуқуқи муқаррарнамудаи қонун истифода намекунанд. Дар хусуси солимии оила ва беҳдошти вазъи он дар Паёми Президенти кишвар гуфтаҳои арзишманд хеле зиёданд. Муқарраротли моддаи 15-и Кодекси оила характери пешгирикунанда дорад, зеро мавҷудияти беморие, ки саломатии никоҳшавандаи дигарро зери хавф мегузорад, боиси дер ё зуд вайрон шудани оила гашта, рушди ҷомеаро халалдор месозад. Мақсад аз муқаррароти мазкур, ки қонунан мустаҳкам карда шудааст, ташкили оилаи солим ва ба дунё овардани насли солим мебошад. Ин мақсад вақте амалӣ мегардад, ки агар никоҳшавандагон аз вазъи саломатии ҳамдигар на аз натиҷаи сӯҳбатҳои муқаррарӣ, балки аз натиҷаи муоинаи дақиқи тиббӣ огоҳ шуда, аз бунёди оилае, ки боиси бадбахтиҳои минбаъда хоҳад гашт, худдорӣ кунанд. Аммо чуноне, ки мо имрӯз дар амалия мебинем, на ҳама аз ин ҳуқуқи худ истифода бурдан мехоҳанд, ё умуман истифода намебаранд. Яъне, ин меъёр, ки дар қонунгузории оилавии мо пайдаи нисбатан нав аст, ба меъёри шахшуда мубаддал гардидааст. Табиист, ки шахс намехоҳад аз доштани бемории ҷиддии хавфноки ӯ ва ё фарзандаш касе огоҳ бошад, аз ин сабаб аксари ин пинҳоннамоиҳо баъди ақди никоҳу тӯй фош мегарданд, ки дигар ба ҷуз аз сабр илоҷе нест. Аммо ҳамватанони азизи мо бояд як чизи дигарро низ донанд, ки тибқи банди 2-и моддаи 23-и Сарқонуни ҶТ "нигоҳдорӣ, ҷамъоварӣ, истифода ва паҳн намудани маълумот оид ба ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ манъ аст". Яъне ҳангоми дар натиҷаи ифшои ягон навъи бемории венерикӣ, зӯҳравӣ (сифилис) ва ё бемории ВНМО (СПИД) аз тарафи корманди тиб ин ҳам сирри касбии табибон ва ҳам сирри шахсии ҳаёти инсон мебошад, ки паҳн намуданаш боиси ҷавобгарӣ мегардад. Вале агар шахс дидаву дониста нафари солимро ба ин навъи беморӣ, ки дар вуҷуди худи ӯ ҳаст, сироят намояд, тибқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ҶТ (моддаҳои 125-126) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Шахсе, ки ба истеъмоли пайвастаи машруботи спиртӣ машғул асту аз он даст кашида наметавонад, фарзанде ба дунё меоянд, ки аз нигоҳи психологӣ ниҳоят заиф аст. Ин ҳолатҳоро низ илми тиб ошкор намудааст, ки кӯдаконе, ки аз ин гуна волидайн ба дунё меоянд, дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ фаҳмиши аз ҳад зиёд суст доранд, ки ин на танбалии худи кӯдак ва айби ӯст, балки волидайни носолим ӯро ба дунё овардаанд, ки сабаб ин аст. Чуноне ки дар урфият низ мегӯянд: "Айб на дар ош, балки дар мош аст". Мушкилтарин фоҷеаи рӯзгори инсонӣ маъюбӣ мебошад, ки одамиро ба муҳтоҷӣ ва азобҳои бисёри рӯҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ рӯ ба рӯ мекунад. Бахусус дар оилаҳои камбизоат ин мушкилӣ дучанд мегардад.

Аз мақоми қонунбарори кишвар дархостамон ин аст, ки барои аз муоинаи тиббӣ нагузаштани нафарони издивоҷкунанда ягон навъи маҳдудиятро ҳамчун чораи таъсиррасонии давлатӣ дар қонунгузории оилавӣ ва дигар қонунҳои амалкунанда ҷорӣ намояд. Масалан моддаи 15-и Кодекси оила, ки гузаштани муоинаи тиббиро ихтиёрӣ эълон кардааст, ҳатмӣ гардонида шавад, инчунин бамаврид мебуд, агар никоҳи онҳое, ки аз ташхиси тиббӣ нагузаштаанд, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта намешуд. Бигзор доштани маълумотномаи тиббӣ дар бораи аз муоинаи тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон низ ҳамчун яке аз шартҳои ақди никоҳ дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Агар ин дархост дастгирӣ ёбад, барои солимии миллати тоҷик бисёр хуб хоҳад буд.

Ҷумҳурии мо, ки айни ҳол дар ҳоли рушд қарор дорад, қабл аз ҳама таҷрибаи давлатҳои пешрафтаро бояд дар амалияи худ истифода барад. Масалан, дар Фаронса пешниҳод намудани гувоҳномаи тиббӣ ҳатмист, ҳарчанд, ки маводи гувоҳнома ба ҷониби дигар хабар дода намешавад.

Албатта бесабаб нест, ки Президенти кишвар дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии ҶТ вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, адлия, кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллиро вазифадор намуданд, ки масъалаи муоинаи ҳатмии пешакии тиббии издивоҷкунандагон ва пешгирӣ намудани никоҳи байни хешовандони наздикро бо мардум ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳаматарафа омӯхта, ба Ҳукумат таклифу пешниҳод намоянд. Инчунин Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ соли 2015-ро "Соли оила" эълон намуд. Ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Мо низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи Тоҷикистон бояд дар ин самт саҳми арзандаи худро гузорем ва дар соли оила ба бунёди оилаҳои солим ва кам намудани шумораи талоқ, бетараф набошем. Зеро Ватан низ аз оила сар мешавад!



Собирҷони ФАЙЗУЛЛО
*донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси 5, ихтисоси ҳуқуқшиносумумӣ, шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ Ахунов Маъруф Юсуфович бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси 5, ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ Раҷабов Камонвар Темурович бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии донишҷӯи курси 4, ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқ, шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ Азимов Раҳматулло Фатҳуллоевич бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси 5, ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ), шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ Мирҳайдаров Беҳрӯз Олимович бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# ЗАБОН ТОҶИКӢ - МУҲИМТАРИН АРЗИШИ МИЛЛӢ



**Алишер Самиев
донишҷӯи соли 4**

Яке аз рисолатҳои асосии ҳар як давлату миллат ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пойдории давлатдорӣ ба шумор меравад. Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи арзишҳои таърихии ниёгонамон ба ҳисоб меравад, ки Рӯдакиву Ҷомӣ, Румиву Саъдӣ, Айниву Турсунзода ва садҳо ҳазор нобиғаҳои дигари таърих ба ин шевеаи зебо сухан гуфтаву шеърҳо эҷод намуда, садҳо достонҳо навиштаанд. Забон ин таъминкунандаи ҳастии давлат, ифодакунандаи рамзи миллат ва воситаи муҳимтарини алоқаи байни одамон ба шумор рафта, он аз ҷумлаи дастовардҳо ва ҳадяи Парвардигор ҳисобида мешавад, ки инсонҳо тавассути он гуфтугӯи худро таъмин менамоянд. Таърих гувоҳ аст, ки то ба ин давра чандин тазодҳо ва чандин пайраҳаҳоро забони тоҷикӣ тай намуд ва то ба имрӯз солим омада расид.

Тоҷикистон аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикиро ҳамчун муқаддасоти давлатӣ эълон намуда, онро чун дастоварди таърихӣ ҳифз менамояд. Мувофиқи Конститутсия забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад. Яъне меъёри Сарқонун ифодакунанда ва ҳифзкунандаи фарҳанги миллӣ буда, он бо мақсади мустаҳкам намудани забони миллӣ ва дар ин замина мақоми давлатӣ гирифтани он тавассути меъёри Конститутсия мебошад. Имрӯз дар Тоҷикистон вобаста ба баланд бардоштани нақши забони давлатӣ тамоми шароитҳо муҳайё карда шуда, якчанд заминаҳо аз қабили номгузории тоҷикӣ, нашри китобҳои тоҷикӣ, монографияҳо ба роҳ монда шуда, дар тамоми мактабҳои миёна ва олӣ омӯзиши забони тоҷикӣ идома дорад. Ҳамчунин ҷиҳати минбаъд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзим ёфтани забони давлатӣ ва баланд бардоштани нақши забони тоҷикӣ 5-уми октябри соли 2009 аз тарафи Президенти кишвар қонуни нави забони давлатӣ имзо карда шуд, ки он аз нахустин қонунҳои замони истиқлол дар бахши забони давлатӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қонуни мазкур забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ буда, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад. Ҳамчунин мувофиқи санади мазкур коргузорӣ дар ҳама бахшҳои ҳокимият бо забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, тамоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, системаи таҳсилот дар кишвар, воситаҳои ахбори омма ва коргузорӣ дар ташкилоту идораҳо бо забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар тамоми таърихи давлатдории тоҷикон забон ҳамчун унсури муҳими давлатдорӣ баромад намуда, он яке аз арзишҳои нодир ҳифз карда мешуд, ки ба гунаи мисол метавон замони давлатдории Сомониёнро мисол овард, зеро дар он давра забони тоҷикӣ хеле нуфуз пайдо карда буд. Аммо баъди давлатдории Сомониён то замони истиқлолият забони давлатӣ каме рӯ ба таназзул ниҳод. Зеро шеваҳо ва забонҳои дигар омехтаи забони миллиамон мегаштанд, аммо ба гуфтаи шоир халқи тоҷикӣ "чун сайди маҷрӯҳ ҷароҳатҳои худро бо забони худ даво бахшид". Халқи тоҷик ҳарчанд дар зери истисмор ва нуфузи дигар давлатҳо қарор дошт, хушбахтона фарҳанг ва муқаддасоти худро тавассути гуфтор, навиштаҳо ва шеъру достонҳои худ ҳифз намуда, то замони истиқлолият онро аз ҳар гуна хатарҳо эмин нигоҳ дошт.

Замони Истиқлолият дар густариши забони давлатӣ ҳамчун замони тиллоӣ пазируфта шудааст, ки дар ин давра тамоми шароитҳо вобаста ба таъмини рушди забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуд. Қабули Сарқонун ва дар он муайян гардидани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ, чоп гаштани китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ, қабул шудани Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатӣ", таҳияи "Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016", нашри "Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ" ва 5-уми октябр эълон гаштани рӯзи забони давлатӣ далели гуфтаҳои болост. Аз ин рӯ забон яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ ва бақову ҳастии ҳар як халқу миллат буда, риояи мақоми давлатии он аз ҷониби ҳар як шаҳрванд ҳатмӣ мебошад.

Аз минбари баланди СММ садо додани забони тоҷикӣ эҳсосот ва эҳтироми моро нисбат ба забони тоҷикӣ дучанд намуда, масъулиятамонро меафзояд. Аз ин рӯ, дар назди ҳар як шаҳрванди ҶТ рисолате қарор дорад ва ин рисолат ҳифз ва пойдории муҳимтарин арзиши миллӣ - забони тоҷикӣ мебошад. РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК!



# КОР ДАР НОЗИРОТ ШАВҚОВАР АСТ!



**Зоҳирҷон Қодиров
донишҷӯи факултаи ҳуқуқшиносӣ**

Назария ва амалия бо ҳам алоқамандии зич дошта, бе якдигар нопурра менамоянд. Он донише, ки шахс дар шакли назариявӣ аз бар мекунад, агар дар амалия онро татбиқ намояд, мутахассиси хуб шуданашро умедвор шудан мумкин аст. Барои мустаҳкам намудани донишҳои назариявию амалӣ, баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, сайқал додани малакаву маҳорат ва истеъдоди касбӣ донишҷӯёни макотиби олӣ ба таҷрибаомӯзӣ равон карда мешаванд. Таҷрибаомӯзии донишҷӯён қисми таркибии раванди таълим ба ҳисоб меравад ва ҷиҳати афзун гардонидани шавқу завқи донишҷӯ нисбат ба касби интихобкардааш васила хуб мебошад.

Мо - донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ-ро барои гузаронидани таҷрибаомӯзии шиносоӣ ба 5 мақомоти давлатӣ, аз қабили суд, прокуратура, шуъбаи корҳои дохилӣ, ҳокимияти маҳаллӣ ва нозироти андоз равон намуданд. Ман бошам хостам онро аз нозироти андоз оғоз намоям ва бо ҳамин мақсад субҳи 22-юми июни соли 2015 ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе муроҷиат намудам ва аз он ҷо маро ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба муҳлати 5 рӯз аз 22-юм то 26-уми июни соли 2015 равон намуданд.

Сардори нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ Ҷамолов С. С. маро ба мутахассисони бахши ситонидани қарзи андозҳо ва гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вобаста намуд. Бо мутахассисони бахш - Каримов Бахтиёр ва Рустами Меликшо ва кормандони гурӯҳ - Қутбиддинов Азизбек, Аҳмадов Нақибҷон ва дигарон аз наздик шинос шудам ва ба сипас аз самт ва тарзи фаъолияти худ ба ман маълумот доданд.

Сармутахассиси бахш Бахтиёр Каримов дар бораи сохтор ва фаъолияти нозирот гуфта гузашт ва иброз намуд, ки фаъолияти онҳо асосан аз кор бо андозсупорандагон иборат аст. Онҳо барои саривақт ва ба миқдори муайянгардида супоридани андоз, боҷ ва дигар пардохтҳо ба буҷаи давлат бо андозсупорандагон кор мекунанд. Дар ҳолати саркашӣ аз супоридани андоз ва дигар пардохтҳо ё саривақт ба миқдори муайянгардида насупоридани онҳо бо андозсупорандагон кор бурда, маблағи қарзи давлатии андозу дигар пардохтҳоро рӯёнида мегиранд. Ба ҳамин андозсупорандагон огоҳинома равон мекунанд, ки дар он миқдори маблағи қарзи давлатӣ ва санаи охирини пардохти он қайд карда мешавад. Агар ин талабот қонеъ нагардад нозирот аз рӯйи тобеият ба мақомоти дахлдори давлатӣ, аз ҷумла суд, прокуратура барои ситонидани қарзи андоз ва дигар пардохтҳо тавассути мактуб ё ариза муроҷиат менамояд.

Гурӯҳи корӣ дар минтақаи муайянгардида санҷишҳо (рейдҳо) мегузаронад. Ашхоси бе қайди мақомоти андоз фаъолияткунанда, ғайриқонунӣ ё беҳуҷҷат фаъолияткунанда, андозу дигар пардохтҳоро насупорандаро ошкор менамоянд ва нисбати онҳо тадбирҳои зарурӣро меандешанд, аз ҷумла дуконҳояшонро мебанданд, ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашанд ва ғайраҳо.

Мутахассиси бахш Рустами Меликшо дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи андоз маълумот дод. Аз ҷумла, зикр гардид, ки қариб 25 моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ба соҳаи андоз вобастагӣ дорад. Мутобиқи моддаи 121 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ваколати баррасии моддаҳои зерин ба мақомоти андоз гузошта шудааст: моддаҳои 504, 599-618, 620 ва 623. Ҳатто боби алоҳида, яъне боби 33 "Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи андоз" номида шудааст.

Корманди гурӯҳ Азизбек Қутбиддинов оид ба ошкори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва огозу пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ маълумот дод. Ӯ қайд намуд, ки ҳангоми ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби нозири андоз аз ҳуқуқвайронкунанда баёнот гирифта мешавад. Баъдан протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, бо гузориш ба сардори нозирот пешниҳод мегардад. Сипас он дар ҷаласаи нозирот мавриди муҳокима қарор мегирад ва қарор оид ба огози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва протоколу қарори баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул мегардад ва ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунанда муайян карда мешавад. Ҳамаи ин дар шакли маводҳо ҷамъоварӣ шуда, дар парванда оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ духта мешавад.

Ҳамчунин, навиштан ва тартиб додани якчанд ҳуҷҷатҳои зарурии соҳаро омӯхтам. Аз қабили огоҳнома, мактуб, протокол, қарор, аризаву пешниҳод ва ғайраҳо. Бо ҳайати кормандон ба шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, ба монанди ҶДММ "Лотос", КВД "Бозори саховат", БДАТ "Амонатбонк" мактубу қарорҳои дахлдорро супоридем.

Дар кӯчаи Борбади ноҳияи Фирдавсӣ рейд гузаронидем ва қариб 15 нонвойхонаи ғайриқонунӣ ё бо камбудии ҳуҷҷатҳо фаъолияткунандаро ошкор намудем ва нисбати эшон чораҳои зарурӣ андешида шуд. Аз ҷумла, нонвойхонае, ки бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз тӯли 1 моҳ фаъолият дошт баста шуд ва соҳиби он мувофиқи моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ҷаримабандӣ гардид.

Бо ҳамин таҷрибаомӯзии кутоҳмуҳлати ман дар нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба охир расид. Ана ҳамин гуна шавқовар гузашт ва шавқу ҳавасӣ ман нисбати кор ва фаъолияти мақомоти андоз афзун шуд.

Ба кормандони нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ, махсусан, бахши ситонидани қарзи андозҳо ва гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунандаи шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон сипосгузорам, ки дар раванди таҷрибаомӯзӣ маро дастгирӣ намуданд.